В нашем исследовании в таблице № 4 представлены показатели индивидуальных различий самооценки старшеклассников. Например, в 9 «А» классе 3 лидера с высокой самооценкой, которые отличаются основными положительными качествами ума, сообразительностью, самостоятельностью. Также 21 желаемых, из которых 3 ученика имеют завышенную самооценку, им свойственна легкость переключения, изменение способа их действия сочетается с устойчивостью ума. 18 из них имеют адекватную самооценку, так как наибольшая по численности группа учащихся составляют – ученики со средней самооценкой. Из 4 ученика (отторгнутых) 1 ученик имеет завышенную, 2 ученика адекватную и 1 ученик заниженную самооценку. В целом им свойственна пониженная степень самооценки, которая связана с понижением интереса к учению, замедлению темпа развития личности ученика.

Общие результаты психолого-педагогической характеристики самооценки старшего школьного возраста представлены в таблице.

**Таблица № 4. Общие сведения о зависимости самооценки ученика от его статуса.**

| | Количество учеников | Статус | Уровни самооценки | | | Количество учащихся с одинаковым статусом |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Завышена | Адекватная | Заниженная | |
| 9-А | 29 | | _ | 3 | _ | 3 |
| | | 0,49-0,1 | 3 | 18 | - | 21 |
| | | 0,09-0,01 | 1 | 2 | 1 | 4 |
| | | 0 | - | - | 1 | 1 |
| 10-Б | 21 | 1-0,5 | - | 6 | - | 6 |
| | | 0,49-0,1 | 2 | 11 | 1 | 14 |
| | | 0,09-0,01 | - | 1 | - | 1 |
| | | 0 | - | - | - | - |
| 11-В | 26 | 0,5 | - | 3 | - | 3 |
| | | 0,49-0,1 | 2 | 13 | 1 | 16 |
| | | 0,09-0,01 | - | 3 | 3 | 6 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 0 | - | - | 1 | 1 |
| Всего | 76 | 1-0,5 | - | 12 | - | 12 |
| | | 0,49-0,1 | 7 | 42 | 2 | 51 |
| | | 0,09-0,01 | 1 | 6 | 4 | 11 |
| | | 0 | - | - | 2 | 2 |

Данные показатели приводятся в следующих диаграммах




**Диаграмма №2. Распределение оценок в 9-м классе**




**Диаграмма №3. Распределение оценок в10-ом классе**




**Диаграмма №4. Распределение оценок в 11-ом классе**

Подводя итоги, были выявлены: индивидуальные особенности самооценки старшеклассников (девятого класса) - 12,5 % учащихся адекватная самооценка; 87,5 % учащихся имеют неадекватную самооценку, из них 65,5% составляют высокую самооценку, 22% учащихся имеют низкую самооценку. Таким образом, большинство учащихся девятого класса имеют высокую самооценку.

В целом результаты особенностей старшеклассником (десятого класса) составляет:

-18% учащихся адекватная самооценка;

-82 % учащихся имеют неадекватную самооценку, из них 71,6% составляют высокую самооценку, из них заниженную самооценку 10,4%.

Итоги индивидуальных особенностей самооценки старшеклассников (одиннадцатого класса) были выявлены:

-16,2% учащихся имеют адекватную самооценку; а неадекватная самооценка 83,8%, из них 79, 5% имеют высокую самооценку, 4, 3% низкую самооценку.

Получившие нами выводы и результаты посредством наблюдения, утверждают о положительной динамике качества обучения школьников девятого класса с низким уровнем самооценки. По данным исследования процент соотношения результатов учащихся девятого класса составил 65,5%, а результаты исследования десятых классов имеет тенденцию на повышение, которое составляет 71,6%, а также результаты эксперимента учащихся одиннадцатых классов выявлены на 79,5%.

Одним из основных путей повышения творческих способностей учащихся является организация внеклассных работ, т.е. проведение кружков.

Суть организации внеклассных работ, т.е. кружков состоит в том, что они стимулируют и побуждают учащихся к чтению книг, любовь книгам, к родине и, в целом, формируют у них творческие, познавательные, интеллектуальные, умственные способности.

В начале учебного года в каждом учебном учреждении составляется план-мероприятий, где указываются различные формы внеучебной работы. Цели внеучебных работ направлены на нравственное и эстетическое развитие

и формирование самооценки учащихся, и еѐ осуществление является требованием современной школы.

В результате наблюдения было выявлено, что ученики относительно со слабыми способностями в столбце «никогда» ставят знак «+». Однако во время продолжения работы обсуждающих групп у этих учащихся наблюдается изменение точки зрения, и можно считать, что результат удовлетворительный. Особенно здесь высока роль активных ребят группы. Процесс работы с активами группы, обязывает других членов коллектива, особенно ребят со слабыми способностями осознать значение самооценки.

Далее мы рассмотрим развитие навыков самооценки учащихся в процессе других форм внеклассных работ, и на основе этого будут показаны результаты исследования. В этом процессе приводятся различные формы деятельности, включая конференции учащихся, факультативные занятия, кружки, викторины и т.д.

Организация конференции требует использования различных методов. Учитель среди учащихся 5-11 классов путем постановки ряда вопросов организует беседу.

Организация конференции среди старшеклассников по поэзии на тему «Жизнь и творческая деятельность Абуабдулло Рудаки», «Нравственно-моральные проблемы в «Бахористан»-е А. Джами, «Проблемы патриотизма, смелости и добродетели в «Шахнаме» Фирдоуси, «Рассказы об Индии» М. Турсунзаде, «Празднование 140-летия наставника Садриддина Айни» и др.

Обратная связь проводится в письменной форме и ученикам предлагают такие вопросы (количество учащихся в целом составляет 32 человек):

1. Какая часть конференции вас больше всего заинтересовала?

2. Достигли Вы успеха в процессе конференции?

3. В целом понравился ли Вам процесс проведения конференции? Комментируйте свои ответы?

4. Какие изменения произошли в формировании вашей личности после участия на конференции?

Результаты проведения конференции приводятся в таблице.

Таблица 5 Самооценки учащихся в процессе проведение конференции.

| Общий количество учащихся 32 | Вопрос 1 | | Вопрос 2 | | Вопрос 3 | | Вопрос 4 | | Вопрос 5 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Отвечали | 32 | 100 % | 25 | 78,1% | 19 | 59,3% | 32 | 100 % | 20 | 62,5% |
| Не отвечали | 0 | 0 | 7 | 21,9 | 13 | 40,7 | 0 | 0 | 12 | 37,5% |

Данные таблицы по самооценки учащихся в процессе проведение конференции приводятся в следующей диаграмме




**Диаграмма 6. Результаты развития навыков самооценки учащихся в процессе проведения конференции.**

## ЗАКЛЮЧЕНИЕ

Теоретический анализ, результаты исследований и экспериментальная работа позволяют подвести итоги и представить общие выводы исследования следующим образом:

1. Психолого-педагогическое раскрытие самооценки старшеклассников возможно на основе системного изучения дидактических условий, учѐта индивидуально – возрастных особенностей, которые позволяют соотнести самооценку с показателями внеклассных работ старших классов.

2. Процесс формирования и развития самооценки учащихся старших классов выявлен путѐм организации форм внеклассных работ, всесторонне раскрывающее уровни самосознания личности учащихся. Исследования показывают, что самооценка в целом является регулирующим механизмом, которая проявляется важнейшими психологическими особенностями личности учащихся.

3. Уровни развития самооценки старшеклассников показывают уровни предъявления высоких требований не только к самому себе, но к окружающим. Успехи по определѐнному предмету, достижения в других сферах деятельности обеспечивают завышенную самооценку учащихся. С другой стороны, заниженная самооценка неблагоприятно воздействует на развитие личности впоследствии которого возникает неуверенность, страх.

4. Результатами личностно развивающего подхода становятся адекватная самооценка учащимися своих возможностей, творческих способностей как показатель включенности учеников в решение познавательных задач внеклассных работ. Умение оценивать собственные силы и умение развивать творческие способности становятся ключевым в становлении личности учащихся старших классов. Следовательно, формирование самооценки позволяет учащимся познать самого себя, своих способностей и своих возможностей, овладение самим собой, своими чувствами и стремлениями.

5. Главное достоинство внеклассных работ состоит в том, что опыт, полученный при решении учебно-познавательных задач, направлен на

осознание учащимися ценности каждого индивида. В целом, старший школьный возраст – это возраст интенсивного формирования самосознания, самостоятельности, систематизации, упорядочивании теоретических знаний.

6. Исходя, из результатов исследования необходимо создавать благоприятные дидактические условия, стимулировать процесс самопознания, обеспечить эмоционально психолого-педагогическое условие с целью формирования адекватной самооценки учащихся в процессе внеклассных работ.

**Рекомендации по практическому использованию результатов исследований**

На основе изучения и анализа научных литератур, опыта средних общеобразовательных учреждений и результатов опытно-экспериментальных работ мы предложим следующие рекомендации;

– внеклассная работа по развитию самооценки учащихся должно быть организовано в соответствии со способностями и интересами учащихся;

– внеклассная работа должен способствовать чувство любознательности и обеспечение развитию самооценки учащихся;

– следует учитывать психологические и возрастные особенности учащихся во время организации внеклассных работ;

– использовать различные формы и методы организации внеклассных работ с целью обеспечения развития самооценки учащихся;

– необходимо обеспечить качество знаний учащихся и развитие их самооценки во время организации и проведения внеклассных работ;

– регулярно использовать в процессе организации внеклассных работ эффективные средства и методы усвоения новых знаний и умений учащихся;

– предоставить учащимся возможность сотрудничать между собой в решении учебных задач и выработке навыков самостоятельнос, а также пользоваться новейшими учебными наглядными пособиями, электронными досками, Интернетом, компьютерами и т.д.;

– создать благоприятный климат в плане психолого-педагогического управления развитию самооценки учащихся на внеклассных занятиях.

Конечно, в рамках одной кандидатской диссертации невозможно решить все вопросы, связанные с проблемой развития самооценки учащихся старших классов в процессе внеклассной деятельности.

В дальнейшим исследователи смогут выделить различные формы и методы организации внеклассных работ с целью развития самооценки старшеклассников, организации внеклассных работ с целью развития самооценки у учащихся по отдельным дисциплинам, внедрение организации внеклассных работ в условиях реформы образования.

## ОСНОВНОЕ СОДЕРЖАНИЕ ДИССЕРТАЦИИ ОТРАЖЕНЫ В СЛЕДУЮЩИХ ПУБЛИКАЦИЯХ АВТОРА

**I. Статьи, опубликованные в изданиях из перечня ведущих рецензируемых изданий, рекомендованных ВАК при президенте республики таджикистан и вак Министерства образования и науки Российской Федерации:**

[1 – А] Хабибова, О.М. Формирование объективной самооценки во внеклассной деятельности школьников // Вестник педагогического университета. – Душанбе, 2015. – № 5(66). – С.17 – 20. ISSN 2219 –5408.

[2 – А] Хабибова, О.М. Развитие умения самооценки учащихся в процессе внеклассной работы // Вестник педагогического университета. – Душанбе. – 2018. – № 1 (73). – С.50 – 55. ISSN 2219 – 5408.

[3 – А] Хабибова, О.М. Значение самооценки в развитии личности и способности учащихся в организации внеклассной работы // Вестник педагогического университета. – Душанбе. – 2020. – № 2 (2). – С. 84 – 87. ISSN 2708 – 5759.

[4 – А] Хабибова, О.М. Внеклассная деятельность школьников как важнейшее условие выявления и развития своих способностей и возможностей // Вестник педагогического университета. – Душанбе. – 2021. – № 2 (6). – С. 231–234. ISSN 2708 – 5759.

[5 – А] Хабибова, О.М. Роль и организация внеклассных работ в формировании личности старшеклассников // Вестник Таджикского государственного педагогического университета. – 2021. –№ 2 (6). – С.231–234.

[6 – А] Хабибова, О.М. Пути и значение форм внеклассных работ в развитии самооценки старшеклассников // Вестник Таджикского государственного педагогического университета. – 2021. – № 2 (6). – С.239 – 243.

[7 – А] Хабибова, О.М. Формирование и развитие самооценки личности как философская и психолога – педагогическая проблема. // Вестник инститита развития оброзования. – 2022. – № 1 (37). – С.74 – 78.

[8 – А] Хабибова, О.М. Теоретические вопросы формирования самооценки учащихся старшего возраста в учебном процессе // Вестник Академии образования Таджикистана. – 2023. – №1 (46). – С. 16 – 22.

**II. Статьи, опубликованные в других изданиях:**

[9 – А] Хабибова, О.М. Значение форм внеклассных работ в развитии способностей самооценки учащихся путѐм организации и проведения предметных конкурсов // Республиканская конференция «Воспитания молодѐжи в современном мире», посвящѐнная 20 -летию независимости Республики Таджикистан, и 80 -летия ТГПУ им. С. Айни». – Душанбе, 2011. – С. 76 – 79.

[10 – А] Хабибова, О.М. Коммуникативная компетентность система образования // Материалы конференции в виде научного сборника, посвящѐнного компетентности педагогов. – Душанбе, 2017. – С. 78 – 81.

[11 – А] Хабибова, О.М. Постановка системы воспитательных работ в выборе профессии учащихся // Республиканская учебно-практическая конференция, посвящѐнная году туризма и народных ремѐсел. – Худжанд, 2018. – С. 26 – 28.

[12 – А] Хабибова, О.М. Повысить и активизировать самооценку старшеклассников в процессе внеклассной деятельности // Республиканская научно-практическая конференция «Проблемы ориентации компетентности в процессе преподавания профильных предметов начальных классов». – Душанбе, 2019. – С. 238 – 241.

[13 – А] Хабибова, О.М. Роль самооценки в формировании личности учащихся в организации внеклассной работы. // «Актуальные проблемы современной филологии». Республиканская научно-практическая конференция. – Душанбе, 2019. – С. 336 – 340.

[14 – А] Хабибова, О.М. Основы правовых норм и организации учебно-воспитательных работ // Республиканская научно-практическая конференция, «Роль национальных ремесел в учебно-воспитательном процессе» посвящѐнная 90-летию заслуженного работника образования и науки Республики Таджикистана профессору Баяну Рахимову и 25-летию кафедры педагогики и психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. – Душанбе, 2019. – С. 58 – 61.

[15 – А] Хабибова, О.М. Внеклассная деятельность как основной фактор развития умственной способности учащихся // Республиканская научно-теоретический конференция «Формирование дошкольного образования» посвящѐнная 30-летию независимости Республики Таджикистан и 70-летию специалиста по детской психологии Нарзуллоевой Майрамхон» – Душанбе, 2021. – С. 120 – 125.

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТКБ 74.2**
**ТДУ 377 (575.3).**
**Х- 12**

**ҲАБИБОВА ОЙШАМО МУРОДОВНА**

# ШАРОИТҲОИ ДИДАКТИКИИ РУШДИ ХУДБАҲОДИҲИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАЗСИНФӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**ДУШАНБЕ – 2023**

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Гулмадов Файз** – доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Сабури Хайрулло Мирзозода** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷнд ба номи академика Б. Гафурова;

**Шехов Акбар Маҳмадиевич** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забонҳо бо курси технологияи иттилоотии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии соҳаи нигаҳдории тандурустии Ҷумҳурии Таджикистан.

Ҳимояи диссертатсия 21 декабри соли 2023, соати $15^{00}$ дар шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхона ва сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (www.aot.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат фиристода шуд «___» _________ 2023.

**Котиби илмии шурои муштараки диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ** **М. Каримзода**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** ба он вобаста аст, ки марҳилаи муосири рушди ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷустуҷӯйи доимии пояҳои самарабахши ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла, дар соҳаи маориф тавсиф меёбад. Мусалламан, роҳи интихобшудаи низоми давлатии демократӣ, рушд ва ташаккули самтҳои нави иҷтимоию таҳсилотии ҷомеаи тоҷикон тағйироти муносибро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт тақозо мекунад.

Самтгирии маориф ба азхудкунии афзалиятноки низоми дониш, ҳамчунин тарбия намудани аъзои мустақилу фаъолтарини сохти демократӣ, яъне аъзои барои ҷавоб додан ба чолишҳои замона қодиру дар вазъиятҳои гуногуни зиндагӣ салоҳиятнокбуда, ки дар ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаёт тавонмандии лозима доштаро талаб менамояд, вазифаи стратегии дар назди низоми маориф гузошташудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Амалияи муосир ба таври муътамад собит месозад, ки самарабахшии таҳсилотро танҳо тавассути машғулиятҳои синфӣ ба даст овардан ғайриимкон аст, аммо тавре таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, фаъолияти берунազсинфӣ кайҳо боз як ҳиссаи ҳаҷми самараи раванди таълимро фаро гирифтааст.

Ҳукумати кишвари мо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқию қонунгузорӣ вазифаҳоеро ба миён гузоштааст, ки тибқи онҳо мактабҳо барои инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак, худсобитнамоӣ ва худамалинамоии эҷодии ӯ, ташаккули инсони дорои дараҷаи баланди шуурнокию тафаккури нав, фарҳанги олии худмуайянкунии ҳаёт тариқи шинохти худ ҳамчун фарду узви ҷомеа уҳдадор мегардад. Чунин шахсият қодир аст, мустақилона ҳадафҳоро созмон диҳад, роҳҳои оптималии ба онҳо расиданро дарёфт намуда, барои амалу кирдорҳои худ масъул бошад ва баҳодиҳию худбаҳодиҳиро анҷом дода тавонад.

Мавриди зикр аст, ки муносибати инфиродӣ ба хонандагон дар дарсҳо, амалияи корҳои беруназсинфӣ ба рушду ташаккули шахсият дар шароити муассисаи таҳсилоти умумии ягона мусоидат намуда, сатҳи таҳсилоти онро боло мебарад. Аз ин рӯ, худбаҳодиҳии шахсият на танҳо зимни соҳиби ихтисоси муайян гаштани шахс нақши муҳим мебозад, балки минбаъд низ ба комёбии фаъолияти меҳнатии ӯ таъсири амиқ мерасонад.

Сарфи назар аз комёбиҳои мушаххас дар ҳалли масъалаи худбаҳодиҳии хонандагон ва таъсири он ба фаъолияти беруназсинфӣ, татбиқи усулҳо ва технологияҳои анъанавӣ ба талаботи низом ҷавобгӯ набуда, амалисозии усулу шаклҳои боз ҳам муассиртари омӯзишро тақозо мекунад. Дар Тоҷикистон тамоюлҳои глобалӣ дар таҳсилоти муосир боиси фароҳамсозии шароити дидактикӣ барои рушди худбаҳодиҳии хонандагон мегарданд.

Қобили қайд аст, ки ҷиҳати таъминсозии рушди босамари шароити дидактикӣ барои хонандагон касби донишу малакаҳои лозима оид ба

худбаҳодиҳӣ дар марҳилаи навсозии низоми таҳсилоти тоҷик ҳатмӣ мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф пайваста нав карда шуда, ба стандартҳои минтақавӣ ва аврупоӣ баробар карда мешаванд, хусусан зимни ба вуҷуд омадани тағйирот дар масъалаҳои кори беруназсинфӣ бо мақсади болобарии нақши шахсият дар ҷомеа.

Вазифаҳои кори беруназсинфӣ дар рушди хосиятҳои асосии худбаҳодиҳии хонандагон инҳоянд:

– касби донишҳои муайяну малакаҳои амалӣ;

– рушди сифатҳои асосии шахсият, аз қабили ташаббускорӣ, талоши мустақилият;

– баҳодиҳии холисонаи амалу кирдорҳои худ;

– таҳлили ҳамаҷониба ва пешгӯйии рушди шахсияти худ;

– роҳандозии дурусти муносибатҳои худ бо атрофиён.

Бахри ташаккулёбии дараҷаи муайяни худбаҳодиҳии хонандагон, омӯзгорон вазифадоранд, ки хонандагонро бо донишҳои зарурӣ, тарзҳои худбаҳодиҳӣ, муносибати интиқодӣ ба имкониятҳо, муваффақиятҳо, малакаҳои худбаҳодиҳии худ дар раванди таълиму тарбия ғанӣ гардонанд, ки ин зимни ташаккули мунтазаму мақсадноки онҳо муяссар мегардад.

Ҳамин тариқ, мубрамияти таҳқиқот ба ихтилофи байни тақозои мактаби муосир барои устодон, омӯзгорони баландихтисос ва коркарди нокифояи заминаи назариявию амалии низоми корҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон вобаста аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Тариқи омӯзишу таҳлили адабиёти илмии психологию педагогӣ, метавон бо асарҳои зиёди бунёдӣ, ки ба мушкилоти худбаҳодиҳии хонандагон ва шароити дидактикии рушди он бахшида шудаанд, дучор шуд. Ба қатори чунин асарҳо таҳқиқоти педагогии олимони шуравию русӣ ва хориҷӣ: А. Сухомлинский, К. Ушинский, С. Рубинштейн, Г.А. Сукерман, Л. Виготский, А. И. Липкина, А. Захарова, И. Кон, И. Чеснокова, Б. Ананев, И. Бах, Д. Элконин, И. Шапошникова, Р. Бернс, А. Маслоу, 3. Фрейд, Э. Фромм, В. Хмел мансубанд, ки онҳо дар асарҳои худ худбаҳодиҳиро ҳамчун хусусияти муҳими шахсият ва ҳамчун низоми худбаҳодиҳӣ баррасӣ намуданд.

Ҳамзамон, мушкилоти худбаҳодиҳӣ дар осори бархе аз олимони муосири Россия, ба монанди Б. Бондар, Б.Г. Ананев, А. Н. Леонтев, В. Столин ва А.И. Липкин мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Гузашта аз ин, масъалаҳои марбут ба шароити дидактикии рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ, махсусан мушкилоти рушди худбаҳодиҳии ин категорияи хонандагон дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ кам омӯхта шудааст. Аз ин рӯ, мо кори олимонеро, ки ба назари мо, мушкилотро аз нуқтаи назари асосҳои назариявию методологии худбаҳодиҳии хонандагон баррасӣ кардаанд, мавриди таҳлил қарор додем.

Ба таҳқиқи сохтори худбаҳодиҳӣ, шаклҳо, хусусиятҳои ташаккули он асарҳои олимони шуравию рус Л.И. Божович, Т.А. Каракулин, А. Захарова ва ғайраҳо бахшида шудаанд, зимнан дар радифи онҳо асарҳои олими маъруфи эронӣ А. Бадавӣ роҷеъ ба худбаҳодиҳии субъектро низ метавон ном бурд.

Дар баъзе асарҳо омӯзиши динамикаи худбаҳодиҳӣ, ҳам дар таҳсилоти шахсиятмеҳвар ва ҳам дар қаринаи умумии рушди шахсият ва ташаккули қобилиятҳои он мушоҳида мешавад. Дар байни чунин осор, ба назари мо, асарҳои муаллифоне, ки зимни омӯзиши қобилияти амалкарди муносибати худбаҳодиҳӣ бо раванди ташаккули шахсияти мактаббача инчунин нақши худбаҳодиҳиро дар муносибати байнишахсӣ баррасӣ кардаанд, муҳим мебошанд.

Робитаҳои корӣ ва дӯстона ё танҳо робита, суҳбат, муколама, муошират, алоқа ва ҳамкорӣ аз ҷониби як зумра муҳаққиқон, ба монанди А. Дусавитский, И. Загурская, ки робитаҳои функсионалии худбаҳодиҳиро бо раванди умумии ташаккули шахсияти мактаббача омӯхтаанд, баррасӣ карда мешаванд. Олимони Россия Ж. Гордеева, Т. Каракулина, А. Ларина, Л. Лисновский худбаҳодиҳиро дар муоширати байнишахсӣ, В. Хмел, Н. Яременко бошанд, хусусиятҳои кори беруназсинфӣ ва ғайраро омӯхтаанд.

Қобили зикр аст, ки хизматҳои як қатор олимони тоҷик, аз қабили М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, И.Х. Каримова, Б. Қодирова, Б. Маҷидова, А. Нурова У. Зубайдов, Ф. Гулмадов, Р.С. Рамазонова, С.Н. Алиев, М.Р. Реджепов, Ф.А. Шарапова, ки дар таҳқиқоти худ нақши худбаҳодиҳиро дар ташаккули шахсият дар заминаи умумӣ, ба монанди мушкилоти дидактика, ҳавасмандгардонӣ, фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва арзёбию таҳқиқи сохтор, шакл, хусусиятҳо ва вижагиҳои ташаккули сифатҳо, динамикаи рушди худбаҳодиҳиро пайгирӣ кардаанд, бояд махсус қайд карда шаванд.

Муҳаққиқони тоҷик инчунин робитаҳои функсионалии баҳодиҳӣ, ҳавасмандкунӣ ва худбаҳодиҳиро бо раванди умумии ташаккули шахсияти хонанда омӯхтаанд. Масалан, муҳаққиқони муосири тоҷик ва эронӣ, ба монанди Ф. Бобоалӣ, Ф.А. Шарапова, Ш.М. Шамсутдинова мушкилоти ҳавасмандкунии хонандагон, ташаккули мавқеи ҳаётии онҳо, инчунин ҷоннокшавии фаъолияти маърифатии хонандагонро таҳқиқ карда, мушкилоти аҳамияти худбаҳодиҳӣ дар муоширати байнишахсиро аз ин ё он ҷиҳат мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Бояд қайд кард, ки олимони шуравию рус: Ш. Амонашвили, Г. Липкина, Г. Сукерман, А. Петровский, Т. Токарская, И. Чеснокова, А. Сорокин худбаҳодиҳиро дар фаъолияти таълимӣ бо омӯзиши ҳавасмандкунӣ дар муносибатҳои мутақобилаи мавқеи арзёбии шахсӣ ва таълимӣ, инчунин бо сатҳи талабот алоқаманд донистаанд. Аммо, тавре ки мо аллакай қайд кардем, таҳқиқоте, ки ба рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ бахшида шудаанд, ҳанӯз ҳам ба қадри кофӣ анҷом наёфтаанд, аз ҷумла, чунин ҷанбаҳои муҳими ин мушкилот, аз қабили шароити дидактикии ташаккули онҳо дар раванди фаъолияти

беруназсинфии хонандагони синфҳои болоӣ ба омӯзиши дақиқ ниёз доранд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии фанҳои педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф, методикаи таҳқиқоти педагогӣ дар мавзуи «Шароитҳои дидактикии рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ» ва талаботи асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии таҳсилот», «Консепсияи миллии тарбия» ва барномаи корҳои беруназсинфию нақшаи таълиму тарбия дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Муайян кардани хусусиятҳои назария ва амалияи шароити дидактикии инкишофи худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар ҷараёни корҳои беруназсинфӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар асоси мақсаду фарзияи ифодакардаи мо вазифаҳои таҳқиқот аз инҳо иборатанд:

– шиносоӣ ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ-педагогӣ барои муайян кардани асосҳои назариявии инкишофи худбаҳодиҳӣ дар он асос, ки ташаккулу рушди худбаҳодиҳӣ чун мушкилоти равонию педагогӣ баррасӣ карда мешавад;

– баррасии ҷараёни таҳияи назария ва татбиқи амалии он зимни ташкили корҳои беруназсинфии хонандагони синфҳои болоӣ ва дар ин замина муайян кардани аҳаммияти ин принсипҳо дар ташаккули шахсият;

– муайян кардани намудҳо, усулҳо ва шаклҳои корҳои беруназсинфии хонандагони синфҳои болоӣ;

– таҳқиқи вазъи ташкили корҳои беруназсинфӣ ҳамчун шарти муҳимтарини ошкорсозию рушддиҳии қобилияту имкониятҳои худ дар бобати муайян кардани меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳи ташаккулёбии салоҳиятҳои худбаҳодиҳии хонандагон;

– таҳияи методикаи ташкили корҳои беруназсинфӣ оид ба худбаҳодиҳӣ тавассути истифодаи технологияҳои педагогӣ, иттилоотию коммуникатсионӣ ва санҷиши таҷрибавии самаранокии онҳо;

– ошкор намудани нақши худбаҳодиҳӣ дар раванди корҳои беруназсинфӣ ва баррасии натиҷаҳои амалии шароити дидактикии инкишофи худбаҳодиҳӣ зимни болобарии рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагони синфҳои болоӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Раванди рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар фаъолияти беруназсинфӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** Шароити дидактикии ташкили раванди рушди худбаҳодиҳӣ ҳамчун воситаи рушди фаъолнокии хонандагон дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Натиҷадиҳии шароити дидактикии рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ дар ҳоле босамар мегардад, ки агар:

– корҳои беруназсинфӣ дар рушди худбаҳодиҳии хонандагон нақши пешбар дошта бошанд;

– таҷрибаи шаклу намудҳои гуногуни кору фаъолият, аз ҷумла, беруназсинфӣ бемайлон ва устуворона андӯхта шавад;

– корҳои беруназсинфӣ ва меҳнати муфид бо назардошти ҷалби хонандагони синфҳои болоӣ мунтазам ташкил карда шавад;

– дар коллективи мактаббачагони синфҳои болоӣ фазои амиқи отифатию корӣ эҷод карда шавад;

– кори синфӣ ва беруназсинфӣ дар рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ тавъам бо ҳам пайвананд.

Ҳамин тариқ, инкишофи худбаҳодиҳӣ дар раванди кори беруназсинфии мактаббачагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар сурати ба амал баровардани чунон шартҳои дидактикию педагогие, ки ҳангоми фароҳам будани онҳо мавридҳои зерин меафзоянд, самаранок хоҳад буд:

– таваҷҷуҳ ба назорат ва худбаҳодиҳии фаъолияти эҷодии беруназсинфии хонандагон;

– пур кардани раванди таълим бо усулҳои интерактивии таълими берун аз синф, ки ба рушди ташкили худбаҳодиҳии фаъолияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар байни мактаббачагон роҳандозӣ карда шудааст;

– фаъолсозии эҷодкории насли оянда бо истифода аз воситаҳои педагогикаи муосир.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд:

**Марҳилаи якум (солҳои 2014–2016)** интихоб, омӯзиш ва таҳлили адабиёти назариявӣ ва илмии психологию педагогӣ; таҳияи усулҳои ташкил ва гузаронидани шаклҳои гуногуни корҳои беруназсинфӣ дар мактаби миёна; асосноккунии назариявии шароити дидактикии мушкилоти таҳқиқшаванда.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2017–2019)** мушаххассозии ниҳоии таҳияи дастгоҳи илмии таҳқиқот; омӯзиш ва озмоиши ташкили раванди кор дар амалияи беруназсинфӣ бо мақсади муайян кардани хусусиятҳои худбаҳодиҳии хонандагон; ташкили кор дар асоси усулҳои омӯзиши диалектикӣ ва таҳияи намудҳои гуногуни корҳо оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2020–2023)** ба низом даровардани натиҷаҳои бадастомада, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ, коркарди маълумот, ҷамъбасти натиҷаҳо ва ба расмият даровардани кори илмӣ дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи талаботи КОА назди Президенти ҶТ, татбиқи амалии тавсияҳои таҳияшуда, таъйиди онҳо, интишори мақолаҳо, ба расмият даровардани натиҷагириҳои асосӣ оид ба бобҳо ва хулосаи диссертатсия.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** муқаррароти фалсафавӣ дар ягонагӣ ва таъсири мутақобилаи ҳастии инсон, тафаккур

ва забон дар мавриди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ, назарияҳои психологию педагогии муосир дар бораи робитаи омӯзиш, тарбия ва рушди шахсият ташкил додаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот** инҳоянд:

– асарҳо, ғояҳо, нуктаҳо, назари файласуфон, омӯзгорон, равоншиносон, сотсиологҳо ва намояндагони дигар илмҳо оид ба мушкилоти рушди шахсияти баркамол;

– санадҳои меъёрӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии маориф», «Консепсияи миллии тарбия»), асарҳои ибратбахшу бунёдии олимон, омӯзгорон ва муҳаққиқони маъруф, аз қабили А.С. Макаренко , В.А. Сухомлинский, А. Амонашвили, Марк Аврелий, А. Бадавӣ, Р. Бёрнс, Л.И. Божович, Л.С. Виготский, Р. Декарт, И. Кант, ҳамчунин олимони тоҷик, ба монанди У. Зубайдов, А. Нуров, М. Лутфуллозода, С. Сулаймонӣ, Б. Маҷидова ва дигарон.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** таҷриба ва маълумоти боэътимоди аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бадастомада; омӯзишу ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ; мушоҳидаи мунтазаму пайвастаи раванди таълим ва муносибати хонандагони синфҳои болоӣ, таваҷҷуҳи онҳо ба омӯзиши маводи таълимӣ; суҳбатҳои инфиродию гурӯҳӣ бо хонандагон; анҷомдиҳии корҳои таҷрибавию озмоишӣ, санҷиши масъалаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳодшуда ташкил додаанд.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот** муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 53, № 12-и шаҳри Душанбе, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №177-и ноҳияи Рӯдакӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 51-и шаҳри Кӯлоб ба ҳисоб меравconfiguration. Дар корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ 408 нафар хонанда ва 45 нафар омӯзгор иштирок карданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз инҳо иборат аст:

– ошкорсозӣ ва асосноккунии ташкили шакли фаъолияти беруназсинфии хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси шароитҳои муайяни дидактикию педагогӣ бо мақсади инкишофдиҳии қобилиятҳои худбаҳодиҳии хонандагон;

– муайян намудани мазмуни асосӣ ва хусусиятҳои кори беруназсинфӣ дар рушди фаъолияти хонандагони синфҳои болоӣ;

– ошкор сохтани аҳаммияти чунин консептҳои худогоҳӣ ва худбаҳодиҳӣ, ба монанди фаъолият дар синни калони мактабӣ ва ташаккули шахсияти онҳо;

– таъмини шароитҳои дидактикӣ бо мақсади ошкор кардани рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ташаккул ва рушди худбаҳодиҳӣ дар шароити фаъолияти беруназсинфии хонандагони синфҳои болоӣ на танҳо дарки моҳияти худбаҳодиҳӣ, сохтор ва вазифаҳои онро дар рушди шахсиятии хонандагони синфҳои болоӣ тақозо мекунад, балки бо иҷтимоисозию ташаккули сифатҳои шахсии онҳо низ алоқаи зич дорад.

2. Раванде, ки дар оила оғоз мешавад ва то дохил шудан ба мактаб идома дорад, дар синни мактабӣ низ пайваста рушд мекунад. Хусусан, худбаҳодиҳӣ ва таъсири он ба рушди хонандагони синфҳои болоӣ тавассути ҷорӣ намудани машғулиятҳои беруназсинфӣ яке аз меъёрҳои муҳим барои рушд, худмуайянкунӣ ва худсобитсозии шахсияти хонандагон боқӣ мемонад.

3. Худбаҳодиҳӣ ҳамчун ҷавҳари ботинии шахсият, оғози бошуурона ва ҳамчун низоми фаҳмишҳои инсон дар бораи худ таъриф карда мешавад.

4. Ошкор кардани хусусияти шароитҳои дидактикии ташаккули худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ барои худрушддиҳию худтакмилдиҳии минбаъда асос ба шумор рафта, имкон медиҳад, то амалҳои ба ташаккули шахсият мусоидаткунанда ба нақша гирифта шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути таҳлили дастовардҳои навтарини илмҳои педагогию психологӣ, интихоби усулҳои иловагии таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои он мутобиқанд ва фикру ақидаи омӯзгорон ва падару модарони ба озмоиш ҷалбшуда, тасдиқи фарзияи таҳқиқот бо натиҷаҳо, ки ба баланд бардоштани инкишофи худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар ҷараёни корҳои беруназсинфӣ мусоидат намудаанд, таъмин карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Аз таҳияи усулу шаклҳо дар ҷараёни кори беруназсинфӣ ва тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули худбаҳодиҳӣ ва таъсири он ба фаъолияти хонандагони синфҳои болоӣ, татбиқи амалии низоми корҳои беруназсинфӣ оид ба ташаккулу эҷоди ангезаҳои маърифатии худбаҳодиҳӣ, ки метавонанд дар таҳияи мазмуну методикаи кории фаъолияти беруназсинфии хонандагони синфҳои болоӣ истифода шаванд, иборат мебошад.

Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот.

**Масъалаи таҳқиқот** аз он бармеояд, ки муҳаққиқони зиёд дар раванди таълим ташаккули ҳамаҷонибаи хонандагонро баррасӣ намуда, фаъолияти худро дар ин сатҳ бидуни таваҷҷуҳ ба корҳои беруназсинфӣ идома медиҳанд. Имкониятҳои кори беруназсинфӣ нисбат ба раванди фаъоли ташаккулу таъминсозии фаъолияти мактаббачагон ба назар гирифта намешаванд, ё ки ҳамчун ҷузъи иҷтимоикунонӣ баррасӣ мегардад. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти мо бо унвони «Шароитҳои дидактикии рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ» (дар заминаи маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) матраҳ шуд.

Айни замон илми педагогика вазифаҳои нави марбут ба шароити нави иҷтимоисозиро иҷро мекунад, аз ҷумла, омода кардани шахсияти салоҳиятдору мутахассиси дорои сифатҳои пешрафтаи кордонӣ, ташаббускорӣ, ҳисси масъулият, маҳорати фавран сарфаҳмравӣ ба вазъият, қабули қарорҳои мустақилона ва ташаккули худтакмилдиҳӣ. Дар ташаккулёбии чунин шахсият ҳавасмандии мусбати хонандагони синфҳои болоӣ ба таълим нақши муҳим мебозад.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти таҳқиқоти мазкур дар мавзуи «Шартҳои дидактикии ташаккули худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ» (дар заминаи маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба зоҳиршавии таваҷҷуҳи зарурӣ аз ҷониби давлат ба масъалаи ҳавасмандгардонии хонандагони синфҳои болоии мактаб бо мақсади татбиқи ғояҳои маориф баҳри рушди устувори ҷомеа вобаста аст:

– рафъи ихтилоф байни асосҳои назариявию методологӣ ва маҷмуи усулҳо таъмин карда мешавад;

– ҳадафу вазифаҳои гузошташуда ба объект ва предмети таҳқиқот мувофиқат менамоянд;

– натиҷаю хулосаҳои таҳқиқоти таҷрибавии гузаронидаи мо ва натиҷагириҳо дар амалияи татбиқи низоми ташкили корҳои беруназсинфии дар муассисаҳои гуногуни таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) таҳиякардаи мо пешниҳод гашта, иштироки шахсии муаллиф дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳқиқот сурат мегирад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад: *банди 1* - «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* - «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* - «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар таҳлили маҷмуии мушкилот; дар пайвасти дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии мавод; истифодаи маҷмуи усулҳои марбут ба мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот; анҷомдиҳии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва татбиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар ҷараёни озмоиш, коркарду таҳлили натиҷаҳои маълумоти озмоишӣ, таҳия ва интишори мақолаҳои илмӣ, иштирок ва суханронӣ дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва омоданамоии диссертатсия зоҳир мегардад.

**Таъйиди натиҷаҳои таҳқиқот**. Натиҷаҳои таҳқиқот мунтазам дар конфронсҳои педагогӣ, ҷаласаҳо ва семинарҳои муаллимони мактабҳои ибтидоӣ ва донишҷӯёни факултети педагогика ва психология мавриди муҳокима қарор дода мешуданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот**. Маводу хулосаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, шаҳрӣ ва вилоятии шаҳрҳои Душанбе (солҳои 2010-2011), Данғара (соли 2013), Кӯлоб (соли 2019); дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (солҳои 2020-2022) дар шакли маъруза пешниҳод гаштаанд, ҳамзамон 8 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди

Президенти ҶТ ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тавсияшуда нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, натиҷагириҳо аз ҳар боб, хулосаи умумӣ, 9 ҷадвал ва 6 расм, замимаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми асосии диссертатсия 160 саҳифа аст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад, объект, предмет, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуда, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда дарҷ гардидаанд.

**Боби якуми** диссертатсия **«Асосҳои назариявии таҳқиқи рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ»** номгузорӣ гашта, дар он масъалаҳои ташаккул ва рушди худбаҳодиҳӣ ҳамчун мушкилоти фалсафӣ ва равонию педагогӣ; назария ва амалияи ташкили корҳои беруназсинфии хонандагони синфҳои болоӣ ва аҳаммияти он дар ташаккули шахсият; ташкили фаъолияти беруназсинфӣ ҳамчун шарти болобарии худбаҳодиҳии хонандагон баррасӣ шудааст.

Дар ин боб истилоҳи «баҳодиҳӣ» шарҳ дода шуда, тафсири истилоҳи «худбаҳодиҳӣ» ҳамчун тартиби гирифтани маълумот дар бораи фаъолият ва натиҷаҳои он қайд мегардад. Агар баҳодиҳӣ гуфта, раванди аёнсозии таносуби натиҷаҳои воқеӣ бо ҳадафҳои ба нақша гирифташуда фаҳмида шавад, пас «худбаҳодиҳӣ» натиҷаи ин раванд, ҳатто ифодаи шартӣ-расмии он мебошад.

Бо мақсади ташаккули худбаҳодиҳии хонандагон, омӯзгор бояд хусусиятҳои хоси баҳодиҳиро ба назар гирад: баҳодиҳӣ бояд хонандагонро ба фаъолияти таълимию маърифатӣ ҳавасманд кунад ва фаъолнокии маърифатии онҳоро пайваста инкишоф диҳад; муқоисаи дастовардҳои гузаштаи хонандагонро бо дастовардҳои бадастомада бо мақсади муайян кардани динамикаи рушди он анҷом додан лозим аст; бояд ҳолатҳое эҷод карда шаванд, ки мубрамияти худбаҳодиҳии хонандагонро таъмин намуда, хонандагонро аз натиҷаҳои кори худ воқиф созанд; ба хонандагон имконият фароҳам овардан зарур аст, ки ба натиҷаҳои супориши синфӣ ва хонагӣ мустақилона баҳо диҳанд.

Ҳангоми кор бо шароитҳои дидактикӣ, дар ҷараёни фаъолияти беруназсинфӣ чорабиниҳои гуногуни тарбиявиро роҳандозӣ намудан мумкин аст, ки на танҳо нишонаҳои қобилияти дар кӯдак табиатан нуҳуфтаро инкишофу такмил дода, инҳирофоти номатлуби иҷтимоии дар ақлу рафтори ӯ пешбинишударо ислоҳ мекунанд, балки дар ӯ ниёзмандӣ ба худрушддиҳӣ, худамалисозии доимиро низ ташаккул медиҳанд.

Дар раванди кори таҷрибавӣ-озмоишӣ мо ғояҳои методологии таҳқиқоти илмиро истифода бурдем: ғояи ҳамкории шахс ва ҷомеа (Л. Виготский); ҳамоҳангсозии хатҳои рушди шахсӣ ва коллективӣ (А.

Макаренко); ғояи парадигмаи шахсиятмеҳвари раванди тарбиявӣ (И.Д. Бах).

Масъалаи марказии методикаи кори тарбиявии беруназсинфӣ робитаи мутақобилаи машғулиятҳои дарсӣ ва беруназдарсӣ мебошад. Ташкили кори беруназсинфӣ оид ба тарбия талаб мекунад, ки хонандагони синфҳои болоӣ на танҳо бо малакаҳои муайяни амалӣ, донишҳои зарурӣ мусаллаҳ карда шаванд, балки рушди ҳамаҷонибаи хонанда, фардияти ӯ дар асоси муайян кардани қобилиятҳояш таъмин гардад.

Ташкили фаъолияти беруназдарсӣ дар гимназияи №53-и шаҳри Душанбе, мактаби таҳсилоти умумии №51-и шаҳри Кӯлоб, мактаби таҳсилоти умумии №177-и ноҳияи Рӯдакӣ ва мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4-и шаҳри Душанбе (озмун дар ин муассисаҳо гузаронида шуд) бо назардошти манфиатҳои хонандагон, хусусиятҳои синну сол, инчунин талаботи стандартҳои таҳсилотӣ роҳандозӣ шудааст.

Дар байни корҳои беруназсинфӣ фаъолияти лоиҳавии хонандагон ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад. Фаъолияти лоиҳавӣ, ин на танҳо маҳорати кор кардан бо иттилоот, маҳорати банақшагирӣ ва тасҳеҳи фаъолияти худ баҳри ноилшавӣ ба ҳадаф, балки инчунин ҳимояи лоиҳа мебошад, ки ба хонандагон имкон медиҳад, то дар ҳимояи ақидаи худ таҷриба ба даст оранд. Мо фаъолияти лоиҳавиро аз синфи 5 ташкил кардем ва хурсандиовар он аст, ки дар синфи 9 ҳамаи хонандагон воқиф гаштанд, ки маънои ҳар як калимаи талаффузшударо донистан лозим аст.

Ҳамин тариқ, таҳлили танҳо якчанд муносибатҳо ба омӯзиши худбаҳодиҳӣ ба мо имкон дод, то модели сохторӣ–динамикии худбаҳодиҳиро таҳия созем.




Боби дуюми диссертатсия **«Аҳаммияти худбаҳодиҳӣ ва таъсири он ба ташаккули гароишҳои касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ»** номгузорӣ шудааст. Дар боби мазкур бархе масъалаҳо, аз қабили: фаъолияти беруназсинфӣ ҳамчун шарти муҳимтарини ошкорсозию инкишофдиҳии қобилияту имкониятҳои хонандагони синфҳои болоӣ; намуду воситаҳои корҳои беруназсинфӣ, ки ба ташаккули худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат мекунанд; аҳаммияти шаклҳои

корҳои беруназсинфӣ дар инкишофи қобилияти худбаҳодиҳии хонандагон, тариқи ташкилу гузаронидани озмунҳои фаннӣ баррасӣ гашта, инчунин натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷамъбаст карда шудаанд.

Ҳамзамон, дар ин боб қайд карда мешавад, ки намудҳои корҳои беруназсинфӣ дар бачагон шавқу ҳавас нисбат ба дастовардҳои навтарини илму техника, муҳаббат ба Ватан, ифтихор аз дастовардҳои илми ватаниро парварида, дар онҳо малакаҳои олим-таҳқиқотчиро ташаккул медиҳанд. Арзиши тарбиявии фаъолияти маърифатӣ дар он аст, ки зимни он манфиатҳои инфиродии хонандагони синфҳои болоӣ ба соҳаҳои гуногуни дониш қонеъ карда мешаванд, қобилиятҳои муайяни эҷодӣ инкишоф меёбанд, хислати кунҷковӣ ба намудҳои гуногуни фаъолият тарбия карда мешавад, маҳоратҳои амалӣ ташаккул ёфта, дар ниҳоят, ба интихоби дурусти касб оварда мерасонанд.

Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки вазифаҳои педагогӣ танҳо дар натиҷаи пайвасти органикии корҳои таълимию тарбиявӣ дар давоми дарс бо амалҳои хонандагон дар вақти беруназдарсӣ бобарор ҳал карда мешаванд.

Кори тарбиявии беруназсинфӣ бояд ба нақша гирифта шавад: чун дурнамо барои соли хониш ва муфассалтар барои нимсола. Бояд таъкид кард, ки ҳангоми ташкили кори тарбиявии беруназсинфӣ принсипи ягонагии кори дарсӣ ва беруназдарсӣ ҳамчун принсипи муҳимтарини ташкили раванди таълиму тарбия ба назар гирифта мешавад. Саволҳое, ки муаллим дар назди хонандагон мегузорад, бояд кунҷковии онҳоро барангехта, ба ҷустуҷӯйи адабиёти иловагӣ дар ин мавзуъ ва мустақилона ҳал кардани мушкилот водор созад. Дар кори беруназсинфӣ шаклҳои оммавӣ ва гурӯҳӣ ҷудо карда мешаванд. Барои ҳалли доираи васеи вазифаҳои тарбиявӣ шаклҳои умумии кори беруназсинфӣ, ки бо хонандагони тамоми синну сол корҳои гуногуни тарбиявиро амалӣ месозанд, истифода мешаванд. Масалан, маҳфилҳо ба шаклҳои умумии кори беруназсинфӣ тааллуқ дошта, хонандагонро барои машғулиятҳо дар бахшҳои фаннӣ, техникӣ, варзишӣ ва ҳунарӣ муттаҳид месозанд.

Мақсади асосии маҳфилҳо фароҳам овардани шароити дидактикӣ ва ворид кардани хонанда ба олами илму техника, инкишофи қобилияти эҷодӣ ва истеъдод, дар мактаббачагон ташаккул додани маҳорату малакаҳои амалӣ, ба хонандагон ёд додани истифодабарии донишҳои дар маҳфилҳо, дар дарсҳо азбаршуда ба шумор меравад. Дар барномаҳо на танҳо ба фаъолияти маърифатии хонандагон, балки ба инкишофи қобилиятҳои онҳо, ташаккули маҳорату малакаҳои амалӣ низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мегардад.

Хусусияти асосии раванди тарбияи беруназсинфӣ дар он аст, ки он дар асоси як қатор шароити дидактикие, ки муаллим бояд риоя кунад, ташаккул меёбад. Аввалан, муаллим таносуби мазмун, тарз, услуби муоширатро бо хусусиятҳои гуногуни психофизиологӣ ва иҷтимоии дарку вокуниши ҳамаи онҳое, ки бо ӯ дар ҷараёни корҳои беруназсинфӣ дар робитаи мутақобила қарор мегиранд, муайян мекунад. Дуюм,

муаллим бояд ҳолати руҳии тарбиятгирандагони худро фаҳмида тавонад, ҳавасмандию ангезаҳои рафтор, андешаронӣ ва майлу рағбатҳои онҳоро дарк кунад, то ҳадафҳои гузошташударо амалӣ созад.

Бояд қайд кард, ки худбаҳодиҳии шахсияти хонандаро дар омилҳои гуногун, ки зимни комёб ё ноком шуданаш дар таҳсил, фаъолият, эътирофи ҷамъиятӣ ва тарбияи шахс ҳам дар давраи ҳаёти томактабӣ, ҳам мактабӣ ва пеш аз ҳама, ҳангоми ба ӯ баҳо додани шахсони дигар зоҳир мешаванд, мушоҳида кардан мумкин аст. Эҳтимолан, ин тавр ҳам шавад, ки агар хонандаро пайгирӣ кунему хидматҳои ӯро дар коллектив қайд накунем, пас хонанда фикр мекунад, ки ӯ аз баъзе ҷиҳатҳо комил нест ва корҳои ӯ нисбат ба корҳои дигарон камаҳаммиятанд.

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани муносибати муаллимон ҳангоми анҷом додани корҳои беруназсинфӣ, мо дар байни хонандагон пурсишнома гузаронидем:

1. Оё муаллимон ҳангоми иҷрои корҳои беруназсинфӣ ҳамеша ба шумо ва дигар хонандагон муносибати нек зоҳир мекунанд?

2. Оё муаллимон ҳамеша қодиранд, ки ба шогирдони худ ҷиҳати имкониятҳои маърифатӣ ва ахлоқии онҳо эътимод бахшанд?

3. Оё шумо ниёзи доимии муошират бо рафиқон, ҳамсинфонро эҳсос мекунед?

4. Оё шумо омодаед, ки на танҳо худатон, балки рафиқони дигарро низ таъриф кунед?

5. Кадом паҳлуҳои хулқу атворатон ба шумо бештар маъқуланд?

6. Оё шумо одатҳои баде, ки мехоҳед аз онҳо халос шавед, доред?

7. Оё ҳангоми ба хусусиятҳои равонӣ баҳодиҳии муаллимон ноумедиҳо ҷой доранд, ба мисли: «Чун ҳамеша, чизе намедонед»; оё дар баҳодиҳии муаллимон калимаҳои «офарин», «дарёфти ҷолиб», «ман инро маъқул мешуморам» зуд-зуд дучор меоянд, оё шумо ҳиссиёти манфиро нисбат ба ҳамсинфоне, ки ба фазои умумии коллектив таъсири манфӣ мерасонанд, дуруст бартараф карда метавонед?

Дар рафти аниқ кардани саволҳо, зимни таҳқиқот инҳо мушоҳида гашт:

I. Шумораи хонандагоне (62 нафар), ки ба саволҳо дуруст ҷавоб доданд (60,2 %)

II. Шумораи хонандагоне (41 нафар), ки ба саволҳо дуруст ҷавоб надоданд (39,8 %).

Натиҷаҳо дар диаграмма нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 1. Арзёбии хонандагон дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ.

| Шумораи хонандагон | Шумораи хонандагон дар гурӯҳҳо | | Ба саволҳо ҷавоб доданд | Фоиз | Ба саволҳо ҷавоб надоданд | Фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 103 | Гурӯҳи 1 | 25 | 10 | 40 % | 15 | 60 % |
| | Гурӯҳи 2 | 25 | 20 | 80 % | 5 | 20 % |
| | Гурӯҳи 3 | 26 | 17 | 65,3 % | 9 | 34,7 |
| | Гурӯҳи 4 | 27 | 15 | 55,5 % | 12 | 44,5 |

Маълумоти дар ҷадвал овардашуда дар диаграмма чунин ба назар мерасад.




**Диаграммаи 1. - Меъёрҳои худбаҳодиҳии хонандагон барои ноил шудан ба муваффақиятҳо дар фаъолияти таълимӣ**

Натиҷаи бадастомада нишон медиҳад, ки дар байни хонандагони ба худ баҳои мусбатдиҳанда аксаран аълохонҳое мебошанд, ки дар дарсҳо бобароранд. Ҷавобҳои дурусти ин гурӯҳи хонандагонро дар он дидан мумкин аст, ки хонандагон ба худ эътимод дошта, дар онҳо тамоил ҷиҳати ба даст овардани натиҷаи босамар дар давоми фаъолияти таълимӣ ифода ёфтааст.

Вобаста ба вазъият, ҳолат ва хислатҳои хонандагон дар гурӯҳи дуюм (навъи манфии муносибат ба худ) асосан ҳисси номукаммалии худ, ноумедӣ ҳангоми кор, ифода ёфта, онҳо ҳатто аз тайёр кардани вазифаи хонагӣ ноумед мешаванд. Хонандагони ин гурӯҳ аксар вақт ба робитаи мутақобилаи манфӣ бо синф ва муаллимон ишора менамуданд.

Шавқу рағбати хонандагони гурӯҳи омехта ё ба қадри кофӣ устувор набуданд, ё ҳанӯз ташаккулнаёфта буданд. Онҳо омода буданд, ки аз субҳ то шом намоишҳои телевизионӣ тамошо кунанд, мусиқӣ гӯш кунанд, ҳар чизи ба дасташон афтодаро, зимнан дар бештари мавридҳо адабиёти ба синну сол ва фаҳмишашон номувофиқро хонанд.

Хонандагоне, ки ба худ муносибати номушаххас доранд, аксар вақт худро нодида мегиранд, онҳо аз иҷрои супоришҳои ҷамъиятӣ даст мекашанд, метавон тахмин кард, ки онҳо аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои гуногун баромада наметавонанд ва беҷуръату тарсу ҳастанд.

Омӯзиши рушди худбаҳодиҳии хонандагон тавассути суҳбатҳои мунтазам, пурсишномаҳо, мушоҳида намудани онҳо дар вазъиятҳои амалии гуногуни фаъолияти ҳаётӣ, корҳои беруназсинфӣ имкон медиҳад, то ин ё он хусусиятҳои мусбату манфӣ ошкор гардида, ба ин васила ҳар дафъа раванди рушди худбаҳодиҳии хонандагон ташаккул дода шавад.

Барои таҳлили ин масъалаҳо мо дар мактаби таҳсилоти умумии № 12 ва литсейи омӯзиши амиқи илмҳои риёзӣ, ки таҳқиқшавандагон таҳсил менамуданд, таҳқиқот гузаронидем. Дар он 144 хонанда иштирок карданд, ки аз ин шумора муҳассилини литсей 31,94% (46 нафар) ва хонандагони МТМУ 68,08% (98 нафар)-ро ташкил доданд.

Ҳамин тариқ, дар қисми озмоишии таҳқиқот мо кӯшиш кардем, ки хусусиятҳои инфиродӣ-равонии худбаҳодиҳӣ, муносибати хонандагон ба худ аз рӯйи параметрҳои зерин ошкор карда шаванд:

– таваҷҷуҳ ба шахсияти худ;

– баҳодиҳии сифатҳои шахсияти худ;

– дараҷаи дарки «ман»-и худ;

– зуҳури ҳаёти равонӣ дар муҳити берун.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дар гурӯҳҳои хонандагони дорои худбаҳодиҳии баланд параметри таваҷҷуҳ ба шахсияти худ 24,7% -ро шкил медиҳад.

Ҳамин тавр, хонандагони ин гурӯҳ бештар бо андӯхтани таҷрибаҳои худ машғуланд, аз шахсияти худ қаноатманданд, пеш аз ҳама, ба худ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба ҳузуру бароҳатӣ майл доранд, ба такмилдиҳии шахсияти худ, ба ҳаловатҳо мекӯшанд.

Параметри «баҳодиҳии сифатҳои шахсияти худ» 16,5%-ро ташкил медиҳад. Хонандагони ин гурӯҳ худбаҳодиҳии баланд доранд, ки меҳвари «сифати «ман»-и худ» -ро ташкил медиҳад. Зимнан, дар байни иштирокчиёни озмоиш мағрурӣ, мансабпарастӣ, худхоҳӣ, тамаъҷӯйӣ ва ғайра мушоҳида мешавад.

Параметри «дараҷаи дарки “ман”-и худ» 4%-ро ташкил медиҳад.

Хонандагони ин гурӯҳ ба худтаҳлилкунӣ рӯ оварда, дар зимни он сифатҳои мусбату манфии худро ошкор сохта, барои худрушддиҳию такмили қобилиятҳои худ талош меварзанд.

Дар мавриди «зуҳури ҳаёти равонӣ дар берун» хонандагони ин гурӯҳ дар маҷмуъ 23% -ро ташкил медиҳанд. Мустақил будан, устуворӣ, қатъият, тавонмандӣ, ташаббускорӣ, зуҳури возеҳи фардият, уҳдабароӣ, беқарорӣ, ҷасорат хислатҳои асосии иштирокчиёни озмоиш мебошанд. Дар маҷмуъ, аз ҷиҳати сифатӣ онҳо ба иҷрои фаъолонаи супоришҳо ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Тавре ки дида мешавад, худбаҳодиҳии баланд хусусияти бартаридоштаи хонандагони ин гурӯҳ ба шумор меравад. Дар ин рафтор ва фаъолияти шахсият худбаҳодиҳии он, ки ба тавоноию имкониятҳои воқеии онҳо мувофиқат мекунад, бештар мусоидат менамояд.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар гурӯҳи дуюми хонандагон хусусиятҳои инфиродии худбаҳодиҳӣ аз рӯйи параметри «зуҳури таваҷҷуҳ ба шахсияти худ» 11% -ро ташкил медиҳад. Дар хонандагони ин гурӯҳ ноқаноатмандӣ, майли фурутанӣ, муътадилӣ, бепарвоӣ нисбат ба худ ошкор карда шудааст.

Нишондоди параметри «баҳодиҳии сифатҳои шахсияти худ» дар хонандагон 9,7%-ро ташкил медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки хоксорӣ, рад кардани танқиду эродҳо, хашмгинӣ бештар дар хонандагони дорои худбаҳодиҳии паст зоҳир мешавад.

Дар хонандагони гурӯҳи дуюм «дараҷаи дарки «ман»-и худ» 8,5%-ро ташкил медиҳад. Иштирокчиён сифатҳои мусбату манфии худро баҳо дода наметавонанд, барои islоҳи камбудию рафторҳои худ, бо мақсади ислоҳ ё рушди шахсият, кӯшиш намекунанд.

Параметри «зуҳуроти ҳаёти равонӣ дар муҳити берун» дар ин гурӯҳ 6%-ро ташкил медиҳад. Мушкилоти бештарин дар хонандагони дорои сатҳи пасти худбаҳодиҳӣ, аз ҷумла, мустақил набудан ва вобастагӣ, беҷуръатӣ, беҳолӣ, беғайратӣ, зудбоварӣ, беэътимодӣ, бесабрӣ, шармгинӣ мушоҳида карда мешавад.

Натиҷаҳои зикршудаи таҳқиқот нишон медиҳанд, ки рушду ташаккули худбаҳодиҳии хонандагон шарти дидактикии ба ифшои ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон мусоидаткунада ба шумор меравад.

Бо мақсади омӯзиши мушкилот мо пурсишномаи «Анкетаи манфиатҳо»-ро истифода бурдем, ки ба он хусусиятҳои инфиродӣ-равонии худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дохил карда шуданд. Барои ҳар як гурӯҳ дар пурсишнома 5 савол буд. Онҳо тавре интихоб гаштанд, ки 2-тои аввал имкон медод фаҳмида шавад, ки оё хонандагон хоҳиши шиносоӣ бо ин ё он соҳаи донишу касбро доранд? Дутои баъдӣ ба фаъолиятҳои амалӣ дар ин соҳа дахл дошта, саволи охирин доир ба талош баҳри касби дониши амиқтари манзури манфиатҳои худ буд.

Натиҷаҳои бадастомадаро бо натиҷаҳои интихобҳо аз рӯйи ҷадвал дар сутунҳо муқоиса кардан мумкин аст (дар таҳқиқот 30 хонандаи синфи 9-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 53 иштирок карданд).

Натиҷаҳои бадастомада оид ба интихоби хонандагон ба соҳаҳои гуногуни фаъолият дар ҷадвал оварда мешавад.

Ҷадвали 2. Интихоби хонандагон ба соҳаҳои гуногуни фаъолият.

| № | Гурӯҳи манфиатҳо | Шумораи интихобҳо бо % |
|---|---|---|
| 1 | Физика ва математика | 2,5 |
| 2 | Химия | 10 |
| 3 | Технология ва информатика | 20, 5 |
| 4 | География | 7,5 |
| 5 | Техника | 15 |
| 6 | Забон ва адабиёт (рӯзноманигорӣ) | 11 |
| 7 | Омӯзгор-равоншинос | 8,5 |
| 8 | Таърих | 2,5 |
| 9 | Биология | 6.5 |
| 10 | Санъат | 4 |
| 11 | Варзиш | 2 |
| 12 | Тиб | 12 |

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки фанҳои информатика, химия, биология, забону адабиёт (рӯзноманигорӣ) ва тиб холи бештар (бо фоиз) гирифтанд.

Ба назар мерасад, ки ба ҷои 1 баромадани таваҷҷуҳ ба «Информатика ва технология» бо касби холҳои бештарин аз мубрам будани технологияи муосир ва воситаҳои коммуникатсия (телефон, технологияи IP ва ғ.), маҳорат, афзудани таваҷҷуҳ ба фан шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки натиҷаҳо 100% ба даст намеоянд, зеро дар ҷараёни таҳқиқот қайд карда шуд, ки баъзе хонандагон на ба як, балки ба ду, се соҳаи фаъолият дилбастагӣ доранд.

Азбаски баъзе хонандагон аз сабаби табодули манфиатҳо ва набудани як касби меҳварӣ дар интихоби роҳи ҳаёт дудила мешаванд, мактаб бояд дар хонандагон шавқу рағбатҳои устуворро ташаккул дода,

ҳамзамон чунон шароитҳоеро фароҳам оварад, ки таваҷҷуҳро ба фаъолияти муайян ошкор намояд. Масалан, ин ҷо таҳқиқотеро зикр намудан мумкин аст, ки мо соли 2017 дар ду муассисаи таҳсилотии шаҳри Душанбе, ки яке - мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №12 ва дуввум - литсей бо омӯзиши амиқи фанҳои риёзӣ, ки дар онҳо шахсони таҳқиқшаванда таҳсил менамуданд, анҷом додем.

Дар таҳқиқот 144 нафар хонанда аз ҳар як категория иштирок карданд. Аз шумораи умумӣ таълимгирандагони литсей 31,94% (46 нафар) ва хонандагони МТМУ 68,08% (98 нафар) - ро ташкил доданд.

Дар таҳқиқот 68 духтар (47,22%) ва 76 писар (52,77%) иштирок карданд. Барои посух додан ба саволи аввали таҳқиқот дар бораи сатҳи худбаҳодиҳии иштирокчиён, ҷадвали қиёси худбаҳодиҳии SAS (Розенберг) Rosenberg истифода шудааст, ки натиҷаҳои бадастомада дар ҷадвал оварда шудаанд.

Ҷадвали 3. Навъи муассисаи таълимӣ ва сатҳи худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ

| Навъи Муассисаи таълимӣ | Шумораи хонандагон | Сатҳи худбаҳодиҳӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Хеле паст | Паст | Миёна | Баланд | Хеле баланд |
| Литсей | 46 | 0 | 19,99 | 21,82% | 40% | 18,19% |
| МТМУ | 98 | 0 | 30,25 | 27,91% | 30,24%, | 11,6% |

Натиҷаҳои таҳқиқи сатҳи худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоии литсейро муқоиса намуда, дидан мумкин аст, ки байни хонандагони синфҳои болоӣ нафарони нисбат ба худ муносибати мусбатдошта бартариятро касб намуда, 40,%-и хонандагони ин навъи муассисаи таҳсилотиро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла худбаҳодиҳии баланд 21,82% ва хеле баланд 18,19%-ро ташкил медиҳад. Дар байни хонандагони навъи таҳсилоти умумӣ 30,24%-и онҳо ба худ мусбат муносибат мекунанд, аз ҷумла 27,91% худбаҳодиҳии баланд ва танҳо 2,33% худбаҳодиҳии хеле баланд доранд. Худбаҳодиҳии мусбат дар 34,79%-и хонандагони литсей, аз ҷумла 28,26%-и пурсидашудагони ин муассисаи таълимӣ бо сатҳи баланди худбаҳодиҳӣ ва 6,53% бо сатҳи хеле баланд ошкор шудааст. Дар бораи муносибати номатлуб нисбат ба худ сухан ронда, гуфтан мумкин аст, ки дар байни хонандагони МТМУ нафарони ангуштшумор чунин муносибат зоҳир карданд — 21,74%-и талабагон ва вазъияти номусоидтар дар литсей мушоҳида карда мешавад, зеро 30,25%-и талабагон дар бораи худ ақидаҳои номатлуб доранд. Хулоса баровардан мумкин аст, ки дар байни хонандагони пурсидашудаи навъҳои гуногуни мактабҳо дар худбаҳодиҳӣ фарқиятҳо мавҷуданд.

Хонандагони литсей дар бораи худ дарки мусоидтар доранд, зеро дар байни шогирдони ин муассиса шогирдони худбаҳодиҳиашон хеле паст вуҷуд надоранд, 34,79%-и онҳо бошанд, баҳои баланд гирифтанд, ки ин ба худбаҳодиҳии мусбат ишора мекунад. Мо инчунин дар бораи худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ хулосаи мусбат ва дар бораи хонандагони литсей начандон хулосаи мусбат дорем.

Вазъро таҳлил намуда, метавон тахмин кард, ки барои тасдиқи фарзияи пешниҳодкардаи мо, худбаҳодиҳӣ ба муваффақияти таълим, татбиқи рушди шахсият таъсир расонда, шароити дидактикиро дар тули синни калони мактабӣ таъмин мекунад.

Тавре дида мешавад, дар ҷадвали № 2 натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд. Ҳамин тариқ, дар синфи 9 «А» 3 нафар сарвар, 21 нафар хостагон, 4 нафар радшудагон, 1 хонандаи ҷудошуда (ҳамагӣ 29 хонанда).

Аз ҷадвали № 2 маълум аст, ки дар синфи 10 «Б» – 6 сарвар, 14 хостагон, 1 радшуда (21 хонанда) мавҷуд аст.

Аз ҷадвали № 3 маълум аст, ки дар синфи 11 «В» – 3 сарвар, 16 хостагон, 6-радшудагон, 1 хонандаи ҷудошуда (ҳамагӣ 26 хонанда) ҳаст.

Дар таҳқиқоти мо дар ҷадвали №4 нишондиҳандаҳои фарқиятҳои инфиродии худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ манзур шудааст. Масалан, дар синфи 9 «А» 3 нафар сарварони дорои худбаҳодиҳии баланд ҳастанд, ки бо сифатҳои мусбати асосии ақлӣ, зиракӣ, мустақил будан фарқ мекунанд. Ҳамзамон, 21 нафар хостагон ҳастанд, ки 3 нафари онҳо дорои худбаҳодиҳии баланд буда, ба онҳо хислати ба осонӣ тағйир ёфтан хос аст, тағйирёбии тарзи амали онҳо бо устувории ақлашон тавъам аст. 18 нафари онҳо худбаҳодиҳии комилан мувофиқ доранд, зеро шумораи бештари ин гурӯҳи хонандагон таълимгирандагони дорои худбаҳодиҳии миёна ҳастанд. Аз 4 хонанда (радшуда) 1 хонанда дорои худбаҳодиҳии аз будаш баланд, 2 хонанда – комилан мувофиқ ва 1 хонанда – аз будаш паст дорад. Дар маҷмуъ, ба онҳо дараҷаи поиншудаи худбаҳодиҳӣ хос аст, ки бо коҳиши таваҷҷуҳ ба таълим, суст шудани суръати рушди шахсияти хонанда алоқаманд аст.

Тавсифи умумии натиҷаҳои психологӣ-педагогии худбаҳодиҳии хонандагони синни калони мактабӣ дар ҷадвал оварда мешавад.

Ҷадвали № 4. Маълумоти умумӣ оид ба вобастагии хонанда ба мавқеи ӯ.

| | Миқдори умумии хонанда-гон | Мавқеъ | Дараҷаи худбаҳодиҳӣ | | | Миқдори умумии хонандагони бо мавқеи якхела |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Баланд | Мувофиқат кардан | Паст | |
| 9-А | 29 | | _ | 3 | _ | 3 |
| | | 0,49-0,1 | 3 | 18 | - | 21 |
| | | 0,09-0,01 | 1 | 2 | 1 | 4 |
| | | 0 | - | - | 1 | 1 |
| 10-Б | 21 | 1-0,5 | - | 6 | - | 6 |
| | | 0,49-0,1 | 2 | 11 | 1 | 14 |
| | | 0,09-0,01 | - | 1 | - | 1 |
| | | 0 | - | - | - | - |
| 11-В | 26 | 0,5 | - | 3 | - | 3 |
| | | 0,49-0,1 | 2 | 13 | 1 | 16 |
| | | 0,09- | - | 3 | 3 | 6 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 0,01 | | | | |
| | | 0 | - | - | 1 | 1 |
| Всего | 76 | 1-0,5 | - | 12 | - | 12 |
| | | 0,49-0,1 | 7 | 42 | 2 | 51 |
| | | 0,09-0,01 | 1 | 6 | 4 | 11 |
| | | 0 | - | - | 2 | 2 |

Маълумоти дар чадвал овардашуда дар диаграмма чунин ба назар мерасад.




**Диаграммаи №2. Тавзеҳи баҳоҳо дар синфи 9-ум**




**Диаграммаи №3. Тавзеҳи баҳоҳо дар синфи 10-ум**



**Диаграммаи №3. Тавзеҳи баҳоҳо дар синфи 11-ум**

Пас аз ҷамъбасти натиҷаҳо ин нишондодҳо ба даст омаданд: аз рӯйи хусусиятҳои инфиродии худбаҳодиҳӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ (синфи нуҳум) - 12,5%-и хонандагон худбаҳодиҳии комилан мувофиқ доранд; 87,5%-и хонандагон худбаҳодиҳии номувофиқ доранд. Аз он ҷумла, 65,5%-и хонандагон худбаҳодиҳии баланд ва 22%-и онҳо худбаҳодиҳии паст доранд. Ҳамин тариқ, худбаҳодиҳии аксари хонандагони синфи нуҳум баланд матраҳ мегардад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳо оид ба хусусиятҳои синфҳои болоӣ (синфи даҳум) чунинанд: 18%-и хонандагон худбаҳодиҳии комилан мувофиқ доранд; 82 % хонандагон худбаҳодиҳии номувофиқ доранд. Аз он ҷумла, дар 71,6%-и хонандагон худбаҳодиҳии баланд ва 10,4%-и онҳо худбаҳодиҳии аз будаш паст дида шуд.

Натиҷаҳои хусусиятҳои инфиродии худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ (синфи ёздаҳум) ба таври зайл ошкор карда шуданд: 6,2%-и хонандагон худбаҳодиҳии комилан мувофиқ доранд; теъдоди хонандагони дорои худбаҳодиҳии номувофиқ 83,8 %-ро ташкил дод. Аз ҷумла, 79,5%-и онҳо худбаҳодиҳии баланд ва 4, 3% -ашон худбаҳодиҳии паст доранд.

Бозёфту натиҷаҳое, ки мо тавассути мушоҳида ба даст овардем, динамикаи мусбати сифати таълими хонандагони синфи нуҳумро бо сатҳи пасти худбаҳодиҳӣ собит месозад. Тибқи таҳқиқот, таносуби фоизии натиҷаҳо дар хонандагони синфи нуҳум 65,5% ва натиҷаҳои таҳқиқот дар синфҳои даҳум тамоюли афзоиш дошта, 71,6% -ро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон натиҷаҳои озмоиш байни хонандагони синфҳои ёздаҳум дар ҳадди 79,5% ошкор карда шуданд.

Яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани қобилиятҳои эҷодии хонандагон ташкили корҳои беруназсинфӣ, яъне гузаронидани маҳфилҳо мебошад.

Моҳияти ташкили корҳои беруназсинфӣ, яъне маҳфилҳо дар он аст, ки онҳо хонандагонро ба китобхонӣ, муҳаббат нисбат ба китобҳо ва дӯст доштани Ватан ташвиқу талқин намуда, дар маҷмуъ, дар онҳо қобилиятҳои эҷодӣ, маърифатӣ, зеҳнӣ ташаккул медиҳанд, қобилиятҳои ақлии онҳо инкишоф дода мешаванд.

Дар оғози соли таҳсил дар ҳар як муассисаи таълимӣ нақшаи чорабиниҳо тартиб дода мешавад, ки дар он шаклҳои гуногуни кори беруназтаълимӣ нишон дода мешаванд. Мақсади корҳои беруназтаълимӣ ба инкишоф ва ташаккули ахлоқу эстетикаи хонандагон равона карда шуда, татбиқи он тақозои мактаби муосир ба шумор меравад.

Дар натиҷаи мушоҳида маълум гардид, ки хонандагони дорои қобилияти нисбатан заиф дар сутуни «ҳеҷ гоҳ» аломати «+» гузоштаанд. Аммо ҳангоми идомаи кори гурӯҳҳои муҳокимавӣ ин хонандагон нуқтаи назари худро тағйир медиҳанд, аз ин рӯ, натиҷаро қаноатбахш ҳисобидан мумкин аст. Махсусан, ин ҷо нақши фаъолони гурӯҳ баланд аст. Раванди кор бо фаъолони гурӯҳ дигар аъзои коллективро, аллахусус,

бачаҳои дорои қобилияти заифро вазифадор мекунад, ки аҳаммияти худбаҳодиҳиро дарк кунанд.

Минбаъд мо инкишофи малакаҳои худбаҳодиҳии хонандагонро дар дигар шаклҳои корҳои беруназсинфӣ дида мебароем ва дар асоси он натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода мешаванд. Дар ин раванд шаклҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла, конфронсҳои хонандагон, машғулиятҳои факултативӣ, маҳфилҳо, викторинаҳо ва ғайра матраҳ мешаванд.

Ташкили конфронс истифодаи усулҳои гуногунро талаб мекунад. Муаллим дар байни хонандагони синфҳои 5-11 бо роҳи додани як қатор саволҳо суҳбатро ташкил мекунад.

Ташкили конференсия дар байни хонандагони синфҳои болоӣ оид ба шеър дар мавзуъҳои «Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», «Мушкилоти маънавию ахлоқӣ дар Баҳористон»-и А. Ҷомӣ, «Масъалаҳои ватандӯстӣ, ҷасорат ва фазилат дар «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ», «Қиссаҳои Ҳиндустон»-и М. Турсунзода, «Ҷашни 140-солагии устод Садриддин Айнӣ» ва ғайра аз ҷумлаи тадбирҳо дар самти мавриди назар аст.

Алоқаи мутақобил дар шакли хаттӣ сурат гирифта, ба хонандагон чунин саволҳо пешниҳод карда мешаванд (миқдори хонандагон дар маҷмуъ 32 нафарро ташкил медиҳад):

1. Кадом қисми конфронс бештар таваҷҷуҳи шуморо ҷалб кард?
2. Оё шумо дар рафти конфронс муваффақият ба даст овардед?
3. Оё дар маҷмуъ раванди баргузории конфронс ба Шумо писанд омад? Ҷавобҳои худро шарҳ диҳед.
4. Пас аз иштирок дар конфронс дар ташаккули шахсияти шумо чӣ гуна тағйирот ба амал омад?
5. Шумо дар худ кадом хислатҳоро ташаккул додед ё мехоҳед ташаккул диҳед? Андешаҳо ва пешниҳодҳои шумо?

Натиҷаи баргузории конференсия дар ҷадвал оварда мешавад.

Ҷадвали 5. Малакаҳои худбаҳодиҳии хонандагон дар ҷараёни баргузории конфронс

| Шумораи умумии хонан-гон | Саволи 1 | | Саволи 2 | | Саволи 3 | | Саволи 4 | | Саволи 5 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 32 | | | | | | | | | | |
| Ба саволҳо ҷавоб доданд | 32 | 100 % | 25 | 78,1% | 19 | 59,3 % | 32 | 100 % | 20 | 62,5% |
| Ба саволҳо ҷавоб надоданд | 0 | 0 | 7 | 21,9 | 13 | 40,7 | 0 | 0 | 12 | 37,5% |

Маълумоти мазкур дар диаграмма чунин ба назар мерасад




**Диаграммаи 5. Натиҷаҳои инкишофи малакаҳои худбаҳодиҳии хонандагон дар ҷараёни баргузории конфронс**

## ХУЛОСА

Дар ҷараёни гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мо ба чунин хулоса омадем:

1. Ифшои психологӣ-педагогии худбаҳодиҳии синфҳои болоӣ бар пояи омӯзиши низомманди шароитҳои дидактикӣ, ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродию синнусолӣ, ки муайянсозии таносуби худбаҳодиҳию нишондиҳандаҳои корҳои беруназсинфии синфҳои болоиро муяссар менамояд, имконпазир аст.

2. Раванди ташаккул ва инкишофи худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ бо роҳи ташкили намудҳои кори беруназсинфӣ, ки сатҳи худбаҳодиҳии шахсияти хонандагонро ҳамаҷониба намоиш медиҳад, ошкор карда шудааст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки худбаҳодиҳӣ дар маҷмуъ, механизми танзимкунандае ба шумор меравад, ки тариқи хусусиятҳои муҳими равонии шахсияти хонандагон зоҳир мешавад.

3. Сатҳи рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дараҷаи баланди талаботро на танҳо нисбат ба худ, балки нисбат ба атрофиён низ изҳор менамояд. Муваффақиятҳо дар фанни муайян, дастовардҳо дар дигар соҳаҳои фаъолият ба худбаҳодиҳии аз ҳад зиёди хонандагон боис мегардад. Аз сӯйи дигар, худбаҳодиҳии коҳишёфта ба рушди шахсият таъсири номусоид расонда, дар натиҷа дудилагию тарсуиро ба вуҷуд меоварад.

4. Худбаҳодиҳии комилан мувофиқи хонандагон ба имкониятҳо, қобилиятҳои эҷодии онҳо ҳамчун нишондиҳандаи ҷалб гаштани йхонандагон ба ҳалли масъалаҳои маърифатии корҳои беруназсинфӣ - натиҷаҳои татбиқи муносибати ба инкишофи шахсият нигаронидашуда ба шумор мераванд. Маҳорати баҳодиҳии тавоноии худ ва маҳорати рушддиҳии қобилияти эҷодкорӣ дар ташаккули шахсияти хонандагони синфҳои болоӣ ҷузъи калидӣ мегарданд. Аз ин рӯ, ташаккули қхудбаҳодиҳӣ ба хонандагон имкон медиҳад, то худро, қобилияту имкониятҳои худро, тасаллути худ ва ҳиссиёту умедҳои худро дарк намоянд.

5. Афзалияти умдаи корҳои беруназсинфӣ дар он аст, ки таҷрибаи зимни ҳалли масъалаҳои таълимию маърифатӣ бадастовардаи

хонандагон ба дарки арзиши ҳар як фард равона мегардад. Дар маҷмуъ, синни калони мактабӣ - синни ташаккули пуршиддати худшиносӣ, мустақилият, низоммандсозӣ, мураттабнамоии донишҳои назариявӣ ба шумор меравад.

6. Натиҷаҳои таҳқиқотро ба асос гирифта, фароҳамоварии шароитҳои мусоиди дидактикиро роҳандозӣ намудан, раванди худбаҳодиҳиро ташвиқу тарғиб кардан, бо мақсади ташаккули худбаҳодиҳии комилан мувофиқи хонандагон дар раванди корҳои беруназсинфӣ шароити отифатии равонию педагогиро таъмин намудан зарур аст.

**Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, таҷрибаи педагогии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тавсияҳои зерин манзур карда мешавад

– корҳои беруназсинфӣ оид ба рушди қобилияти худбаҳодиҳии хонандагон бояд мувофиқи қобилият ва шавқу рағбати хонандагон ташкил карда шаванд;

– корҳои беруназсинфӣ бояд дар бедор кардани шавқи донишандӯзии хонандагон мусоидат кунанд ва инкишофи худбаҳодиҳии хонандагонро таъмин намоянд;

– корҳои беруназсинфӣ хонандагон аҳаммияти худбаҳодиҳии донишу маҳорат ва малакаҳои худро ҳангоми анҷом додани корҳои беруназсинфӣ дарк кунанд;

– ҳангоми ташкили корҳои беруназсинфӣ бояд хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии хонандагон ба ҳисоб гирифта шавад;

– ҳангоми ташкили корҳои беруназсинфӣ бо мақсади рушди худбаҳодии хонандагон аз шаклу воситаҳои самаранок истифода бурда шавад;

– зарур аст, ки ҳангоми ташкили корҳои беруназсинфӣ сифати дониш ва худбаҳодиҳии хонандагон таъмин карда шавад;

– раванди иҷрои супоришҳо дар вақти корҳои беруназсинфӣ ҷолибу шавқангез бошад;

– ҳангоми ташкили корҳои беруназсинфӣ мунтазам аз шаклу воситаҳои самараноки азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон истифода бурда шавад;

– ба хонандагон имконияти бо якдигар ҳамкорӣ кардан ва пайдо кардани малакаи мустақилиятнокӣ, инчунин истифодаи асбобҳои айёнии замонавӣ, тахтаҳои синфии электронӣ, Интернет, компютер ва ғайра фароҳам оварда шавад;

– дар самти аз ҷиҳати педагогию психологии идоракунии рушди худбаҳодиҳии хонандагогон, муҳити созгор ба вуҷуд оварда шавад.

Дар оянда муҳаққиқон метавонанд шаклу усулҳои гуногуни ташкили корҳои беруназсинфиро бо мақсади инкишофи худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ, ташкили корҳои беруназсинфӣ бо мақсади рушди худбаҳодиҳии хонандагон аз фанҳои алоҳида, ҷорисозии ташкили корҳои беруназсинфӣ дар шароитиислоҳоти маориф мушаххас созанд.

# МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1 – А] Хабибова, О.М. Формирование объективной самооценки во внеклассной деятельности школьников // Вестник педагогического университета. – Душанбе, 2015. – № 5(66). – С.17 – 20. ISSN 2219 –5408.

[2 – А] Хабибова, О.М. Развитие умения самооценки учащихся в процессе внеклассной работы // Вестник педагогического университета. – Душанбе. – 2018. – № 1 (73). – С.50 – 55. ISSN 2219 – 5408.

[3 – А] Хабибова, О.М. Значение самооценки в развитии личности и способности учащихся в организации внеклассной работы // Вестник педагогического университета. – Душанбе. – 2020. – № 2 (2). – С. 84 – 87. ISSN 2708 –5759.

[4 – А] Хабибова, О.М. Внеклассная деятельность школьников как важнейшее условие выявления и развития своих способностей и возможностей // Вестник педагогического университета. – Душанбе. – 2021. – № 2 (6). – С. 231–234. ISSN 2708 –5759.

[5 – А] Хабибова, О.М. Роль и организация внеклассных работ в формировании личности старшеклассников // Вестник Таджикского государственного педагогического университета. – 2021. –№ 2 (6). – С.231–234.

[6 – А] Хабибова, О.М. Пути и значение форм внеклассных работ в развитии самооценки старшеклассников // Вестник Таджикского государственного педагогического университета. – 2021. – № 2 (6). – С.239 –243.

[7 – А] Хабибова, О.М. Формирование и развитие самооценки личности как философская и психолога – педагогическая проблема. // Вестник инистиутута развития оброзования. – 2022. – № 1 (37). – С.74 – 78.

[8 – А] Хабибова, О.М. Теоретические вопросы формирования самооценки учащихся старшего возраста в учебном процессе // Вестник Академии образования Таджикистана. – 2023. – №1 (46). – С. 16 – 22.

**II. Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

[9 – А] Хабибова, О.М. Значение форм внеклассных работ в развитии способностей самооценки учащихся путём организации и проведения предметных конкурсов // Республиканская конференция «Воспитания молодёжи в современном мире», посвящённая 20 -летию независимости Республики Таджикистан, и 80 -летия ТГПУ им. С. Айни». – Душанбе, 2011. – С. 76 – 79.

[10 – А] Хабибова, О.М. Коммуникативная компетентность система образования // Материалы конференции в виде научного сборника, посвящённого компетентности педагогов. – Душанбе, 2017. – С. 78 – 81.

[11 – А] Хабибова, О.М. Постановка системы воспитательных работ в выборе профессии учащихся // Республиканская учебно-практическая конференция, посвящённая году туризма и народных ремёсел. – Худжанд, 2018. – С. 26 – 28.

[12 – А] Хабибова, О.М. Повысить и активизировать самооценку старшеклассников в процессе внеклассной деятельности // Республиканская научно-

практическая конференция «Проблемы ориентации компетентности в процессе преподавания профильных предметов начальных классов». – Душанбе, 2019. – С. 238 – 241.

[13 – А] Хабибова, О.М. Роль самооценки в формировании личности учащихся в организации внеклассной работы. // «Актуальные проблемы современной филологии». Республиканская научно-практическая конференция. – Душанбе, 2019. – С. 336 – 340.

[14 – А] Хабибова, О.М. Основы правовых норм и организации учебно-воспитательных работ // Республиканская научно-практическая конференция, «Роль национальных ремесел в учебно-воспитательном процессе» посвящённая 90-летию заслуженного работника образования и науки Республики Таджикистана профессору Баяну Рахимову и 25-летию кафедры педагогики и психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. – Душанбе, 2019. – С. 58 – 61.

[15 – А] Хабибова, О.М. Внеклассная деятельность как основной фактор развития умственной способности учащихся // Республиканская научно-теоретический конференция «Формирование дошкольного образования» посвящённая 30-летию независимости Республики Таджикистан и 70-летию специалиста по детской психологии Нарзуллоевой Майрамхон» – Душанбе, 2021. – С. 120 – 125.

# АННОТАТСИЯ

ба кори диссертатсионии Ҳабибова Ойшамо Муродовна дар мавзуи «Шароити дидактикии рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ» аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

***Калидвожаҳо:*** *худбаҳодиҳии хонандагони, фаъолияти беруназсинфӣ, рушди худбаҳодиҳӣ, қобилияти худбаҳодиҳӣ, омӯзгорон, корҳои беруназсинфӣ, тарзҳои худбаҳодиҳӣ, хонандагони синфҳои болоӣ.*

Дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот роҳу усулҳои самараноки рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ таҳлилу ҷамъбаст гардидааст. Муаллиф масъалаи таъмини рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоиро ба таваҷҷуҳ ба назорат ва худбаҳодиҳии фаъолияти эҷодии беруназсинфии хонандагон; пурра кардани раванди таълим бо усулҳои интерактивии таълими берун аз синфӣ; фаъолсозии эҷодкории хонандагон бо истифода аз воситаҳои педагогикаи муосир вобаста медонад.

Дар таҳқиқот натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба шароити дидактикии рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ аз ҷиҳати назариявӣ натиҷагирӣ карда шудааст, яъне: ташкили шакли фаъолияти беруназсинфии хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси шароитҳои муайяни дидактикию педагогӣ бо мақсади инкишофдиҳии қобилиятҳои худбаҳодиҳии хонандагон ошкор ва асоснок карда шудааст; мазмуни асосӣ ва хусусиятҳои кори беруназсинфӣ дар рушди фаъолияти хонандагони синфҳои болоӣ муайян карда шудааст; аҳаммияти чунин консептҳои худогоҳӣ ва худбаҳодиҳӣ, ба монанди фаъолият дар синни калони мактабӣ ва ташаккули шахсияти онҳо ошкор карда шудааст; бо мақсади ошкор кардани рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ шароитҳои дидактикӣ ташкили раванди фаъолияти беруназсинфӣ таъмини карда шудааст.

Муаллиф худбаҳодиҳиро ҳамчун ҷавҳари ботинии шахсият, оғози бошуурона ва ҳамчун низоми фаҳмишҳои инсон дар бораи худ маънидод намудааст. Ҳамзамон, дар таҳқиқот ошкор карда шудааст, ки хусусиятҳои хоси шароитҳои дидактикии ташаккули худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ барои худрушддиҳию худтакмилдиҳии минбаъдаи хонандагон асос ба шумор рафта, имкон медиҳад, то амалҳои ба ташаккули шахсият мусоидаткунанда ба нақша гирифта шаванд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз таҳияи шаклу усулҳои дар ҷараёни корҳои беруназсинфӣ ва тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули худбаҳодиҳӣ ва таъсири он ба фаъолияти хонандагони синфҳои болоӣ, татбиқи амалии низоми корҳои беруназсинфӣ оид ба ташаккулу эҷоди ангезаҳои маърифатии худбаҳодиҳӣ, ки метавонанд дар таҳияи мазмуну методикаи кории фаъолияти беруназсинфии хонандагони синфҳои болоӣ истифода шаванд, иборат мебошад.

# АННОТАЦИЯ

на диссертацию Хабибовой Ойшамо Муродовны на тему «Дидактические условия развития самооценки учащихся старших классов в процессе внеклассной деятельности», представленную на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.01 – Общая педагогика, история педагогики и образования

***Ключевые слова:*** *самооценка учащихся, внеклассная деятельность, развитие самооценки, способность к самооценке, преподаватели, внеклассные работы, способы самооценки, учащиеся старших классов.*

В диссертации на основе анализа и подытоживания результатов исследования рассмотрены и обобщены эффективные способы и методы развития самооценки учащихся старших классов в процессе внеклассной деятельности. Автор считает, что вопрос обеспечения развития самооценки старшеклассников обусловлен акцентом на контроль и самооценку внешкольной творческой деятельности учащихся; дополнением учебного процесса интерактивными методами внеклассного обучения; активизацией творчества учащихся с применением средств современной педагогики.

В исследовании в теоретическом плане подытожены результаты опытно-экспериментальной работы по дидактическим условиям развития самооценки старшеклассников, в частности: выявлена и обоснована организация формы внеклассной деятельности старшеклассников на основе определенных дидактико-педагогических условий с целью развития способностей учащихся к самооценке; определено основное содержание и особенности внеклассной работы в развитии деятельности старшеклассников; выявлена актуальность таких концептов самосознания и самооценки, как деятельность в старшем школьном возрасте и формирование их личности; в целях выявления развития самооценки учащихся старших классов обеспечены дидактические условия организации процесса внеклассной деятельности.

Автор интерпретировал самооценку как внутреннюю сущность личности, сознательное начало и как систему представлений человека о себе. Вместе с тем, в исследовании выявлено, что характерные особенности дидактических условий формирования самооценки учащихся старших классов, являясь основой для дальнейшего саморазвития и самосовершенствования учащихся, позволяют планировать действия, способствующие формированию личности.

Теоретическая и практическая значимость исследования заключается в разработке форм и методов, используемых в процессе внеклассных работ и научно-методических рекомендаций по формированию самооценки и ее влиянию на деятельность учащихся старших классов, практической реализации системы внеклассных работ по формированию и созданию познавательных мотивов самооценки, которые могут быть использованы при разработке содержания и рабочей методики внеклассной деятельности учащихся старших классов.

# ANNOTATION

for the dissertation of Khabibova Oishamo Murodovna on the topic "Didactic conditions for the development of self-esteem of high school students in the process of extracurricular activities", submitted for the degree of candidate of pedagogical sciences in the specialty 13.00.01 - General pedagogy, history of pedagogy and education

**Keywords:** self-esteem of students, extracurricular activities, development of self-esteem, ability to self-esteem, teachers, extracurricular activities, methods of self-esteem, high school students.

In the dissertation, on the basis of the analysis and expectation of the results of the study, effective ways and methods for the development of self-esteem of high school students in the process of extracurricular activities are considered and summarized. The author believes that the issue of ensuring the development of self-esteem of high school students is due to the emphasis on control and self-esteem of extracurricular creative activities of students; supplementing the educational process with interactive methods of extracurricular learning; activating the creativity of students using the means of modern pedagogy.

The study theoretically summarizes the results of experimental work on the didactic conditions for the development of self-esteem of high school students, in particular: the organization of the form of extracurricular activities of high school students on the basis of certain didactic and pedagogical conditions in order to develop students' abilities for self-esteem has been identified and substantiated; the main content and features of extracurricular work in the development of high school students' activities are determined; the relevance of such concepts of self-consciousness and self-esteem as activities in senior school age and the formation of their personality has been revealed; in order to identify the development of self-esteem of high school students, didactic conditions for organizing the process of extracurricular activities are provided.

The author interpreted self-esteem as the inner essence of the personality, a conscious beginning and as a system of a person's ideas about himself. At the same time, the study revealed that the characteristic features of the didactic conditions for the formation of self-esteem of high school students, being the basis for further self-development and self-improvement of students, allow planning actions that contribute to the formation of personality.

The theoretical and practical significance of the study lies in the development of forms and methods used in the process of extracurricular activities and scientific and methodological recommendations for the formation of self-esteem and its impact on the activities of high school students, the practical implementation of the system of extracurricular activities for the formation and creation of cognitive motives for self-esteem, which can be used in the development of the content and working methods of extracurricular activities of high school students.